# 10 12 2018




Рӯзномаи «Хомии Ватан»-и Вазорати мудофиаи Чумхурии Точикистон хамкадами Артиши миллӣ буда, нахустшумораи он санаи 10-уми декабри соли 1993 бо ду забон, точикӣ ва русӣ ва дар хачми чахор сахифа бо теъдоди панч хазор нусха рӯйи чоп омадааст, ки аз таъсисёбии он 25 сол пур шуд.
Дар сафихаи аввали рӯзнома табрикоти Асосгузори сулху вахдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Чумхурии Точикистон мухтарам Эмомалӣ Рахмон нашр гардида, ба табъ расиданидани рӯзномаро Пешвои миллат падидаи нек units дониста, чунин кайд кардаанд: «Табрикоти самимонаи хешро ба хамаи афсарон, прапоршикхо ва сарбозони шучои Куввахои Мусаллахи Чумхурии Точикистон нисбати ба табъ расидани шумораи аввалини хафтавори Вазорати дифои Чумхурии Точикистон- «Хомии Ватан» иброз медорам. Умедворам, ки рӯзнома дар кори ба эътидол овардани вазъи кишвар, таргибу ташвики хисси ватандӯстӣ, баланд намудани хисси масъулияти хар як шахрванд дар кори мукаддаси химояи Ватани хеш сахми арзанда мегирад.

Дар рӯзхои солгарди баркарор гардидани Хукумати конунии Точикистон нашр гардидани рӯзнома худ як падидаи нек аст. Давлат ва Хукумати Чумхурии Точикистон ба масоили дифои кишвар, таъмини сулху осоиш, хифзи хукук ва баркарор намудани адолати ичтимоӣ ахамияти аввалиндарача медихад. Боварӣ дорем, ки рӯзномаи шумо, хайати эчодии он, тамоми дониш ва гайрати хешро бахри ободу зебо гардонидани кишвар равона хохад кард. Комёбихои шуморо хохонем».

Хамчунин, дар сахифаи аввали рӯзнома табрикоти собик вазири мудофиа генерал-майор А. Шишлянников бо забони русӣ ба табъ расида буд. Номбурда ба ин маънӣ менигорад, ки рӯзномаро чунин дидан мехохад; якум, хакикатнигорӣ, дуюм, очилӣ, сеюм, дастрас ва пурмазмун будани он, чорум, диккатчалбкунанда будани рӯзнома ва панчум, хакикӣ инъикос намудани фаъолияти хизматии хизматчиёни харбӣ дар нашрия.

Хайати эчодии рӯзномаи Хомии Ватан дар рӯзхои нахустини таъсисёбии нашрия 11 нафарро ташкил медоданд. Илова бар ин, рӯзномаи Хомии Ватан ва ахли эчоди он аз замони таъсисёбӣ то имрӯз дар самти пешкаши хабару гузоришхои вокеӣ ва саривактӣ, ки фаъолияти Куввахои Мусаллахро инъикос менамояд ва аз болои воситахои ахбори оммаи дохилу хорич назорат карда, бо ширкати шахсони масъули вазорат нишастхои матбуотӣ, вохӯрихои заруриро ташкил менамоянд. Дар сурати пахн гардидани маводи аз хакикат дур дар воситахои ахбори омма вобаста ба фаъолияти Артиши миллии Точикистон таваччухи хосса зохир карда, бахри вокеъбинона инъикос намудани маводи иттилоотӣ тадбирхои судмандро амалӣ менамоянд.

Хидоятилло Тиллоев, аввалин сармухаррири рӯзнома дар як сухбати ихтисосӣ иброз дошт, ки то замони нашр шудани рӯзнома дар вазифаи сардори шуъбаи тарбияи психологии Раёсати кор бо хайати шахсии Вазорати мудофиа фаъолият менамуд ва барои таъсис додани рӯзномае, ки бозгӯкунандаи фаъолияти Артиши миллӣ бошад, ба муовини сардори Раёсати кор бо хайати шахсӣ полковник А. И. Зорькин мурочиат менамояд. Ин тасмими Х. Тиллоев ба вазири мудофиа пешниход мегардад. Генерал-майор А. В. Шишлянников, собик вазири мудофиа Хидоятилло Тиллоевро барои машгул шудан дар ин самтро вазифагузорӣ мекунад. Аз чониби Х. Тиллоев ба вазири вакт барои нашрия ном ва шиор пешниход мегардад, ки он пазируфта пешавад. Яъне, номи рӯзнома «Хомии Ватан» ва шиори он «Шучоат, шараф ва садокат», ки то хол номи нашрияву шиор иваз нагардидаанд.

Замоне рӯзномаи Хомии Ватан рӯйи чоп омад, ки дар кишвар чанги тахмилӣ бо суръат идома дошт ва дар мамлакат оромӣ хукмфармо набуд. Барои нашри рӯзнома хатто баъзан вакт когаз намерасид. Ба нашр расонидани чунин рӯзномаи харбӣ-ватандӯстӣ дар замони чанги шахрвандӣ чандон осон набуд. Бунёдгузорони рӯзнома хафтахо ба хонахои хеш намерафтанд. Каламкашон алорагми хасудону бахилон ва нотавонбинону мухолифон истодагарӣ карда, Ватани азизи хеш-Точикистонро химоя мекарданд. Албатта, хам бо калам ва хам бо ярок.

Рӯзномаи Хомии Ватан аз рӯзхои аввали таъсисёбӣ то имрӯз барои таргибу ташвики хисси миллӣ, баланд намудани хисси масъулияти хар як шахрванд дар кори мукаддаси химояи Ватани хеш сахми арзанда гузоштааст. Дар сахифахои он доир ба хизмати харбии афсарону аскарон ва мушкилоту пешравихояшон гузоришу очерк, сухбат ва дигар

жанрхо ба табъ мерасад. Барои баланд бардоштани рухияи афсарону сарбозони шучои Ватан маколахо нашр мекарданд. Кормандони рӯзнома тамоми фаъолияти хизматии афсарону аскаронро дар нашрия мунсифона инъикос мекунанд.

Фаъолияти хайати шахсии рӯзномаи «Хомии Ватан» дар тахия ва табъу нашри китобхои 10-15-20 ва 25-солагии Куввахои Мусаллах, «Шахидони зиндаёд», албоми мусаввар ба забонхои точикию русӣ, англисӣ ва дигар  дастурхои таълимӣ калон мебошад. Хамчунин, дар  чорабинихои мухими сиёсӣ дар асоси супориши рохбарияти Вазорати мудофиа хайати эчодии рӯзнома мачаллаи рангаи «Мухофизони Ватан»-ро ба нашр мерасонанд.

Дар муддати 25-соли соли фаъолияти рӯзнома накши собик кормандони рӯзнома назаррас буда, аксарияти онхо хизмати софдилона ва содиконаро анчом додаанд. Хилол Музаянов низ яке аз онхоест,ки хизматхои ӯро нодида гирифтан камоли ноинсофист.  Аз соли 2002 то соли 2015 вазифаи сармухарририи рӯзономаро рӯзноманигори ботачриба, полковник Хилол Музаянов бар зимма дошт. Номбурда рӯзноманигори хирфаӣ буда, факултаи рӯзноманигории Донишгохи миллии Точикистон ва факултаи рӯзноманигории Университети давлатии шахри Москави Федератсияи Русияро хатм кардааст. Мавсуф бо Ифтихорномаи Президенти Чумхурии Точикистон мукофотонида шудааст.

Хамчунин, шуруъ аз соли 2015 то  инчониб вазифаи сармухарририи рӯзномаро подполковник Фарход Ибодуллоев бар дӯш дорад. Фарход Ибодуллоев низ хатмкардаи факултаи журналистика ва тарчумонии Донишгохи миллии Точикистон буда, мавсуф фаъолияти кории худро аз соли 2004 дар бахшу сохахои гуногуни Вазорати мудофиа огоз намудааст.

Хушбахтона, имрӯз дар рӯзномаи «Хомии Ватан» бехтарин рӯзноманигорону мутахассисони варзида ва собикадорони ботачриба хизмат менамоянд. Аз чумлаи онхо майор Сайёра Файзова, хизматчиён полковники мустаъфӣ Хусрав Аминов, Хайдар Худойкулов, Сафар Айюбзодаи Махзун ва Шохин Шарифов мебошанд, ки барои таргибу ташвики сулху вахдат, мукаддасоти миллию арзишхои Истиклолияти давлатии чумхурӣ ва дар рохи баланд бардоштани рӯхияи харбӣ-ватандӯстии чавонон, волоияти конун, тартиботи хукукӣ хизматхои арзанда менамоянд.

Умед аст, ки кормандони рӯзнома барои таргибу ташвики ватандӯстии чавонон бетараф набуда, минбаъд низ барои пешравии давлату чомеа сахми арзандаи хешро мегузоранд.

Азимчон БАДАЛПУР